**СУРАТҶАЛАСАИ № 37**

**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 5-уми ноябри соли 2024 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ
10 нафар (аз ҷумла 2 нафар д.и.п. ба тариқи онлайнӣ).

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

1. Сабурӣ Хайрулло
2. Хоҷаева Мубина
3. Ҳамробоев Насимҷон
4. Абдуллоева Меҳриниссо
5. Азизов Абдулатиф
6. Бобоева Сайёра
7. Исломов Озод
8. Мухаметов Гапур
9. Файзализода Баҳрулло
10. Шаропов Шавкатҷон

**Раиси Шуро:** д.и.п., профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26-уми апрели соли 2024, таҳти № 144/ш.д. тасдиқ гардидааст, 10 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 2 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 10 нафар ҳозирбудагон 6 нафар доктори илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошанд.

Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

**РӮЗНОМА**

1. Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани ариза ва диссертатсияи **Холбой-зода Фатҳиддин Холбой** дар мавзуи **“Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) (роҳбари илмӣ – Маҳмадулло Лутфуллозода ,доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон) ба ташхис ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

Дар бораи оғоз намудани ҷаласа чӣ гуна фикрҳо ҳаст? Таклиф шуд, ки чун кворум ҳаст, ҷаласа оғоз карда шавад. Ҳар касе тарафдори оғоз намудани маҷлис бошад, хоҳиш мекунам, раъйи худро маълум намояд.

Тарафдор? – "Ҳама"; Зид? - "Нест"; Бетараф – "Нест".

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи аввали рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, мақсади ҷамъашвии аъзои Шуроро ба ҳозирин маълум намуд ва барои ошно намудани аъзоёни Шуро бо ариза, диссертатсия, автореферат ва дигар ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Холбойзода Фатҳиддин Холбой** суханро ба котиби илмии Шуро, доктори илмҳои филология, дотсент Ҳамробоев Насимҷон вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА026 дотсент Ҳамробоев Насимҷон чунин гузориш дод, ки ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ **Холбойзода Фатҳиддин Холбой** таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳмадулло Лутфуллозода таҳия шуда, автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ), диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳо, тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) таҳия ва ба тартиб даровarda шудааст. Диссертатсия ва бастаи ҳуҷҷатҳои унвонҷӯ ба унвони Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо мактуби МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" пешниҳод шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Инчунин интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 13 адад аст, 10 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34-ми Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мутобиқ аст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ Қурбонов Фатҳиддин барои ташхис монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Холбойзода Фатҳиддин Холбой** дар мавзуи **"Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар**

**синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010300-Педагогика ва психология (6D010301 –Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) барои гузаронидани ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссияи ташхис;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо.
- **Мухаметов Г.Б.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзо;

3. Комиссияи ташхисии назди Шуро вазифадор карда шавад, ки тибқи талаботи банди 60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, дар муҳлати муайяншуда хулосаи хешро пешниҳод менамояд.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 8 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.